# Дастурамал

## оиди пур кардани шакли ҳисоботи омори давлатӣ аз рӯи шакли № 11-ВА

**«Ҳисобот дар бораи мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ».**

**Душанбе - 2018**

**Дастурамал**
**оиди пур кардани шакли ҳисоботи омори давлатӣ аз рӯи шакли № 11-ВА «Ҳисобот дар бораи мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ ».**

Шакли ҳисоботи омори давлатии №11-ВА (соҳавӣ) «Ҳисобот дар бораи мавҷудият ва гардиши воситаҳои асосӣ - ро ҳамаи ташкилотҳо), корхонаҳо ва муассисаҳо сарфи назар аз шакли моликият ва маҳалли ҷойгирифтаашон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, дар тарози (балanси) худ фондҳои асосӣ доранд, ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаашон пешниҳод менамоянд.

Қисматҳои шахсони ҳуқуқӣ ва ҳудудии ҷудогона (намояндагиҳо, шӯъбаҳо, ки фаъолияти истеҳсолии худро мустақилона ба ҳисоб мегиранд) аз рӯи шакли № 11-ВА ҳисобот пешниҳод мекунанд, дар ҳолате, ки ширкати асосӣ ба онҳо ваколат дода бошад, ки мустақилона аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон ҳисобот пешниҳод кунанд. Агар шӯъба ё намояндагӣ чунин ваколат надошта бошад, дар он сурат аз номи он ҳисоботро ширкати асосӣ пешниҳод менамояд.

Корхонаҳое, ки ба корхонаи асосӣ хизмат мерасонанд, ҳисоботи алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, корхонаҳои нақлиёт, идораи мукаммалгардонии истеҳсолию технологи ва дигар корхонаҳое, ки ба сохтмон хизмат мерасонанду корҳои сохтмону васлгариро иҷро намекунанд, вале шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, на аз рӯи сохтмон, балки аз рӯи намуди фаъолияти асосиашон ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот аз рӯи шакли № 11-ВА ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаи воҳиди ҳисоботдиҳанда на дертар аз 25 марти соли оянда баъди ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Ҳисобот дар шакли №11-ВА бояд аз рӯи ҷамъбасти солона ба таври қатъӣ мувофиқи маълумоти аввалия (кортҳои мавҷуд, рӯйхат, шиносномаи техникӣ ва ҳуҷҷатҳо) ва аз рӯи баҳисобгирии муҳосибавӣ оиди мавҷуд будан, гардиш ва сохторҳои воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ аз рӯи арзиши аввалия (ҷорӣ) ва тароз (балансӣ) (хориҷ аз ҳисоби хурдашавӣ) тартиб дода шавад.

Равандҳои методологии баҳисобгирии омории фондҳои асосӣ, умуман, ба равандҳои баҳисобгирии муҳосибавии воситаҳои асосӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **ва равандҳои баҳисобгирии муҳосибавии соли 2002/4, аз 11. 01. соли 2002** баён шудаанд, бояд мувофиқат кунанд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобот бо сомонӣ бе аломати даҳ ҳазорӣ пур карда мешаванд. Дар ҳолати пур накардани ин ё он сатр ва сутуни ҳисобот, бо сабаби мавҷуд набудани маълумот, ҳамон сатр ё сутун хат зада мешавад.

Дар қисмати нишонии варақаи шакл корхонаи (шӯъбаи) ҳисоботдиҳанда номи худаш, нишонӣ ва рамзи корхона (РУКТ) ва дигар рамзҳои дахлдорро, ки дар мақомоти омор то 1 январ баъди соли ҳисоботӣ ба қайд гирифта шудаанд, мегузорад.

Шакли № 11-ВА **4 фаслро** дар бар мегирад:
- **Фасли 1:** Мавҷуд будан, гардиш ва таркиби воситаҳои асосӣ.
- **Фасли 2:** Нишондиҳандаҳои иловагӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ.
- **Фасли 3:** Фарсудашавӣ ва хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ.
- **Фасли 4:** Арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ.

Ба ҳисоботи омории корхона тамоми дороиҳои дар тавозуни (баланси) корхона мавҷудбуда дохил карда мешаванд:
замин, биноҳо, иншоот, олотҳои интиқолӣ, мошинолоту дастгоҳҳо, васоити нақлиёт, ҳайвоноти корӣ, дарахтони бисёрсола (боғҳои мева ва буттамева, дарахтони ороишӣ ва муҳофизатӣ) ва дигар намудҳои воситаҳои асосӣ, сарфи назар аз дараҷаи фарсудашавӣ, аз он ҷумла воситаҳои асосии бо санади масраф чӣ аз ҷиҳати фарсудашавии ҷисмӣ таҳия кардашуда, вале бо тартиботи муқарраркардашуда санад карда нашудаанд, ҳамчунин дороиҳои ғайримоддӣ.

***Воситаҳои асосӣ — инҳо дороиҳои моддӣ мебошанд, ки бештар аз як сол фаъолият ва амал мекунанд***.

## ФАСЛИ 1

***Мавҷуд будан, гардиш ва таркиби воситаҳои асосӣ.***

**Фасли 1** аз рӯи ҳамаи намудҳои воситаҳои асосӣ, ки ба корхона ҳамчун моликият барои пеш

бурдани хоҷагӣ ё идоракунии таъҷилӣ дахл доранд, ҳамчунин воситаҳои асосие, ки ба иҷоракорон барои иҷораи ҷорӣ ва барои иҷораи тулонӣ, дода шудаанд, пур карда мешавад.

Дар **сатри 020** арзиши ҳамаи дороиҳои моддии корхона, ғайр аз масоҳати замин (дороиҳои моддии ғайриистеҳсолӣ) дар **сатри 040** масоҳати умумии замин ва дар **сатри 050** сохтмонҳои нотамом нишон дода мешаванд.

Дар **сатри 020** воситаҳои асосие ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ҳангоми истеҳсоли он молҳо ё иҷрои он хизматрасониҳое, ки дар ТУНФИ (таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ) (ОКЭД) истифода мешаванд ва ба намуди фаъолияти иқтисодӣ дахл доранд, зеро ин намудҳои асосии фаъолият барои корхонаи ҳисоботдиҳанда қабул карда шудаанд. Дар **сатрҳои 021, 023-029, 030, 031** воситаҳои асосии намуди фаъолият аз рӯи воситаҳо ва маҷмӯи онҳо баробар ба маълумоти **сатри 020** дар ҳамаи сутунҳо шарҳ дода шудаанд.

Ба биноҳои истиқоматӣ биноҳое марбутанд, ки ба фонди манзил (таъиноти умумӣ, хобгоҳҳо, биноҳои истиқоматӣ дар мактаб-интернатҳо, сағирахонаҳо, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон) ва биноҳои истиқоматӣ, ки ба фонди манзил дохил намешаванд (бустонсаройҳои тобистона, хонаҳои боғот, хонаҳои тахтагин, вагончаҳои сайёр, биноҳое, ки барои истиқомат мутобиқ карда шудаанд, вагонҳои истиқоматӣ, ва ғайра) дохил мешаванд.

Корхонаҳои ғайрикишоварӣ дар **сатри 028** ҳайвоноти кории худро, ки ҳамчун воситаи нақлиёт ё барои дигар эҳтиёҷоти ғайрикишоварзии намуди асосии фаъолияти корхона истифода мешаванд, нишон медиҳанд.

Ба дигар намудҳои воситаҳои асосӣ **(сатри 031),** ғайр аз фондҳои китобхонаҳо, фондҳои мақомоти иттилоотии илмию техники (арзиши корҳои илми ҳамчун моликияти зеҳнӣ), бойгонӣ, осорхонаҳо, боғҳо ҳайвонот ва ба ин монанд муассисаҳо, сагҳои хизматӣ (буйгир), таҳқиқот ва амалиётҳои маъданҳои фоиданок, барномаҳои таъминотии компютерӣ, махзани маълумот, нусхаи аслии маҳсули вақтхушӣ, адабӣ ва бадеӣ ва ғайра, дохил карда мешаванд.

Масоҳати умумии қитъаи замин, ки ҳамчун моликияти корхона мебошад, дар **сатри 040** бо гектар бо ду аломати даҳӣ баъди вергул нишон дода мешавад ва дар **сатри 020** «ҳамагӣ воситаҳои асосӣ» ҳамроҳ карда намешавад, зеро замин дороии моддии истеҳсолшуда намебошад.

Маълумотҳо дар бораи арзиши сохтмонҳои нотамом дар оғоз ва охири соли ҳисобот дар **сатри 050** нишон до да мешаванд, аз онҳо дар **сатри 051** арзиши дастгоҳҳо барои васлкунӣ ҷудо карда мешаванд.

***Дар хароҷоти сохтмонҳои нотамом ба ҳисоб гирифта мешаванд:***

- аз рӯи сохтмони бино ва иншоот, васл кардани дастгоҳҳо ва дигар хароҷоте, ки дар харҷнома (смета), ҳисобу китоби харҷномаи молиявӣ барои сохтмони асосӣ (сарфи назар аз он ки ин сохтмон аз тарафи иҷоракорон ё бо усули хоҷагӣ сохта мешавад), инчунин фоизҳо аз рӯи қарзҳои дар давраи сохтмон пешниҳодгардида;
- воситаҳои асосии марбути сохтмон ва харидашаванда;
- аз рӯи дастгоҳҳои истеҳсолӣ ва барқӣ, технологӣ (аз ҷумла дастгоҳҳо барои устохонаҳо, дастгоҳҳои таҷрибавӣ ва лабораторӣ), ки васл карданро тоқазо мекунанду барои васл кардан дар объекти (таҷдидшаванда) сохташаванда дастрас карда шудаанд;
- дар хоҷагиҳо парвариш намудани ҷавонаҳои маҳсулдеҳ, ва чорвои корӣ, ки ба подаи асосӣ гузаронда мешаванд.

Воситаҳои асосӣ дар оғоз ва охири сол аз рӯи ҳар кадом намуд бо назардошти гардиши онҳо дар асосӣ арзиши аввалия ё ҷорӣ оварда мешаванд.

***Баром маълумот.***

**Арзиши аввалия** - ин арзише мебошад, ки дар сохтмон барои хариди воситаҳои асосӣ дар амал хароҷот шудааст, инчунин андозҳо ва пардохтҳои бе бозгашт, ҳамчунин хароҷоти оварда расонидан, васл кардан, сохтан, ба истифода додан ва ҳар гуна дигар хароҷоте, ки мустақиман барои ба тартиб овардани ҳолати кори ва ҷиҳати истифодаи он аз рӯи таъинот вобастаанд.

**Арзиши ҷорӣ** - ин арзиши воситаҳои асосӣ бо нархҳои амалкунандаи бозорӣ дар санаи муайян мебошад.

**Арзиши тарозӣ** (балансӣ) - ин арзиши аввалия ё арзиши ҷории воситаҳои асосии хориҷ, аз ҳисоби маблағи андӯхти фарсоиш мебошад, ки аз рӯи он доройӣ дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот инъикос карда мешавад.

Воситаҳои асосӣ дар натиҷаи нархгузории нав дар ба ҳисобгирӣ ва ҳисобот, инчунин аз рӯи арзиши ҷорӣ, инъикос карда мешаванд.

Дар **сутуни 1** мавҷуд будани воситаҳои асосӣ дар аввали соли ҳисобот аз рӯи арзиши аввалия (ҷорӣ) нишон дода мешавад. Маълумотҳои сутуни 1 дар ҳисобот бояд ба маълумотҳои мавҷудияти воситаҳои асосӣ дар охири соли гузашта (ҳисобот аз рӯи шакли №11-ВА барои соли гузашта) баробар

бошад.

Дар ҳолати мувофиқат накардани маълумотҳо якҷоя бо ҳисобот зарур аст, ки сабаби он ва ҳуҷҷати дахлдор масалан, хулосаи баҳодиҳандаҳо пешниҳод карда шавад.

Дар **сутуни 2** воридоти умумии воситаҳои асосӣ дар соли ҳисобот, инчунин воситаҳои асосии нави ба истифода додашуда аз рӯи ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, аз он ҷумла, аз ҳисоби қарзи бонк, воситаҳое, ки пештар ба ҳисоб гирифта нашудаанд, бо пул харида шудаанд, воситаҳое, ки аз ашхоси воқеӣ ва хуқуқӣ бебозгашт ворид шудаанд, воситаҳое, ки ба сифати пасандоз ба сармояи оинномавӣ ворид шудаанд, ҳамчунин аз ҳисоби тағйироти арзиш дар натиҷаи дар давоми соли ҳисобот аз нав нархгузорӣ (индексатсия) шудаанд, фарқияти қурби пул ва ғайраҳо нишон дода мешаванд.

Дар **сутуни 3 аз сутуни 2** воситаҳои асосии нав, ки ба кор андохта шудаанд ё дар соли ҷорӣ харида шудаанд (пештар истифода нашудаанд), ҷудо карда мешаванд, дар **сутуни 4** - аз ҳисоби аз нав нархгузорӣ (индексатсия) воридшуда, аз ҳисоби фарқияти қурби пул (дар ҳолате, ки воситаҳои асосӣ бо арзҳои хориҷӣ муназзам карда шудаанд), дар **сутуни 5** - воридоти воситаҳои асосӣ бо дигар сабабҳо, нишон дода мешаванд.

**Маълумотҳои сутуни 2 ба ҷамъи маълумотҳои сутунҳои 3,4,5 қатъиян баробаранд**.

Дар **сутуни 6** воситаҳои асосии умумии дар соли ҳисобот аз рӯи арзиши бе ҳисоби фарсоиш, якҷоя бо воситаҳои асосии аз тарози (баланси) корхона ба санади масраф расонидашуда хориҷшуда; воситаҳое, ки аз асосӣ ба молу- захираҳои моддӣ гузаронида шудаанд, воситаҳое, ки бо пул аз тариқи савдо фурӯхта ва ройгон дода шудаанд, ба сифати пасандоз ба сармояи оинномавӣ хориҷ шудаанд, инчунин аз ҳисоби дар натиҷаи дар давоми соли ҳисобот гузаронидани аз нав нархгузорӣ (индексатсия) кам шудани арзиш, фаркияти қурби арзҳо (дар ҳолате, ки воситаҳои асосӣ ба арзҳои хориҷӣ банд карда шудаанд) (дар **сутуни 9** инъикос ёфта) ва ба ҳар гуна сабаб (дар **сутуни 10** ҷудо карда), навишта мешаванд.

Дар **сутуни 7**, арзиши аввалияи (ҷорӣ) воситаҳои асосии барҳам дода шуда (бо санад) дар соли ҳисобот дар **сутуни 13** бошад, фарсудашавии ҳамон воситаҳои асосӣ нишон дода, мешавад. Барҳамхурии воситаҳои асосӣ расмӣ карда мешавад.

Дар **сутуни 8** аз **сутуни 7** арзиши аввалияи (ҷории) воситаҳои асосӣ ҷудо карда мешавад, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода, махсусан: ба зилзила, тӯфон, хушксолӣ, обхезӣ, сӯхтори ҷангал ва дигар офатҳои табиӣ, (масалан, партовҳои зиёди моддаҳои заҳролуд) ва ғайра алоқамананданд.

**Маълумотҳои сутуни 6 қатъиян ба ҷамъӣ маълумоти сутунҳои 7,9,10 баробаранд**.

Дар **сутуни 11** воситаҳои асосии мавҷуди корхона дар охири соли ҳисобот аз рӯи арзиши аввалия (ҷорӣ) нишон дода мешаванд.

**Сутуни 11** баробар аст ба **сутуни 1**, ҷамъи **сутуни 2**, тарҳи **сутуни 6** аз рӯи ҳамаи сатрҳо, ғайр аз сатрҳои 040, 050.

Дар **сутуни 13** фарсудашавие, ки дар қайди ҳисоботи муҳосибавӣ мебошаду танҳо дар соли ҳисобот, аз рӯи воситаҳои асосие, ки ба корхона ҳамчун моликият, барои пеш бурдани хоҷагӣ ё барои идоракунии таъҷилӣ, истифода шудаанд, ҳамчунин ба иҷораи тулонӣ гирифташуда, ва дар ҳисобу китоби зерфасли **13** ба ҳисоб гирифташудаи «фарсудашавии воситаҳои асосӣ», нишон дода мешаванд. Фарсудашавии биноҳои истиқоматӣ ки дар тарози (баланси) корхона мебошанд, бояд дар шакли ҳисоботи оморӣ дар **сатрҳои 020**, **021** ва **022** нишон дода шаванд.

Аз фарсудашавии воситаҳои асосӣ, ки танҳо дар соли ҳисобот ҳисоб карда шудааст (**сутуни 13**) фарсудашавиеро бояд фарқ, кард, ки аз оғози истифодабарии воситаҳои асосӣ ҷамъ шудаасту дар охири сол дар тарози (баланси) корхона қарор доранд. Дар охир ҳангоми ҳисоби тароз (баланс) бе назардошти фарсудашавии арзиши воситаҳои асосӣ дар охири соли ҳисобот (**сутуни 12**) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Аз рӯи воситаҳои асосӣ, ки дар соли ҳисобот ворид мешаванд, фарсоиш танҳо дар қисми ба корхонаи мазкур тааллуқдошта ба ҳисоб гирифта мешавад, фарсоиши ҷамъ шударо бошад, дар санаи воридшавии онҳо дар **сутуни 13** дохил кардан лозим нест. Аз рӯи воситаҳои соқитшуда, яъне фарсудашуда мутобиқан дар **сутуни 13** фарсоише ҳамроҳ карда мешавад, ки маълумоти ҳисобкардаи корхона дар соли ҳисобот то аз кор баромадани воситаҳои асосӣ, ба инобат гирифта шудаанд.

***Фарсудашавӣ— ин ҷараёни ҷисман ва қуллан хароб шудани хусусияти объектҳои воситаҳои асосӣ мебошад.***

Дар охири **фасли 1** «барои маълумот» дар **сатри 060** дар бораи арзиши ҳанӯз то фарсудашавии воситаҳои асосии барҳамхӯрда дар соли ҳисобот оварда мешавад. Арзиши то фарсудашавии воситаҳои асосии барҳамхурда, ки аз тарози (баланси) (хориҷ аз ҳисоби) арзиши воситаҳои асосии

барҳамхӯрда бармеояд, ҷамъи хароҷоти вобаста ба барҳамхӯрии онҳо, тарҳи маблағи аз фурӯши воситаҳои асосии барҳамхӯрда ба дастомада мебошад.

Аз **сатри 020** - и **сутуни 10** дар **сатри 061** арзиши ҳақиқии воситаҳои асосӣ, ки ба дигар ташкилотҳо фурухта шудаанд, ҷудо кардан лозим аст; аз **сатри 020** - и **сутуни 7** дар **сатри 062** арзиши воситаҳои асосӣ, ки бо сабаби фарсоиши ҷисмӣ барҳамхӯрдаанд, ҷудо карда шавад.

## ФАСЛИ 2
## Нишондиҳандаҳои иловагӣ оид ба воситаҳои асосӣ

Дар ин фасл нишон дода мешавад: иттилоот дар бораи мавҷудияти воситаҳои асосӣ дар охири соли ҳисобот ва аввали соли баъд аз давраи ҳисобот, ки ба таври ҷудогона дар **фасли 1** нишон дода нашудаанд. Аз ин рӯ маълумотҳои онҳо (ғайр аз маълумотҳои **сатрҳои 171, 172,173, 174,**) ба маълумотҳои **сатри**

**020** ва дигар сатрҳои ҷаъбастии фасли 1 ҳамроҳ, карда шудаанд.

Дар **сатри 170** аз ҳамаи биноҳои сукунатию ғайрисукунатӣ, ки дар **сатрҳои 020** ва **021** ва иншоотҳо дар **сатрҳои 020** ва **023** ба ҳисоб гирифта шудаанд, биноҳо ва иншоотҳое, ки ёдгорӣ таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

Дар **сатрҳои 171 - 174** маълумотҳои фондҳои асосии иҷоравӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин маврид маълумотҳо оид 6а фондҳои асосӣ, ки дар тарози ташкилоти ҳисоботдиҳанда ба ҳисоб гирифта шудаанд, ба сатрҳои ҷамъбастии дахлдор аз рӯи фондҳои асосӣ ҳамроҳ, карда мешаванд. Маълумотҳои фондҳои асосӣ, ки ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда дар ҳисоби берун аз тароз 6а эътибор мегиранд, ба таври маълумотнома оварда шуда, ба сатри ҷамъбастии фондҳои асосии ташкилот дохил карда намешаванд.

Бо назардошти ин:

Дар **сатри 171**, ки иҷорагир пур мекунад, он фондҳои асосии иҷорашудае нишон дода мешаванд, ки мувофиқи қарордоди иҷораи молиявӣ иҷорадиҳанда дар ҳисоб аз рӯи баҳисобгирии фондҳои асосӣ ба қайд мегирад. Ин фондҳои асосӣ ҳамчунин дар сатрҳои ҷамъбастии шакли № 11- аз рӯи фондҳои асосии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда иҷорагир 6а ҳисоб гирифта мешаванд. Иҷорадиҳандаҳои ин фондҳои асосӣ дар ҳисоби берун аз тароз ба эътибор гирифта мешаванд.

Дар сатри 172, ки иҷорадиҳанда пур мекунад, фондҳои асосии ба иҷора додашуда, инъикос карда мешаванд. Ин фондҳо ба иҷоракор муваққатан пулакӣ (бепул, ройгон) ба моликият ё ба истифода дода мешавад, ки иҷорадиҳанда дар ҳисоби баҳисобгирии фондҳои асосӣ ба эътибор мегирад. Ин фондҳои асосӣ низ дар сатрҳои ҷаъбастии шакли № 11- ВА аз рӯи фондҳои асосии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда-иҷорадиҳанда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Иҷорагир ин фондҳои асосиро берун аз ҳисоби тароз ба қайд мегирад.

Дар **сатри 173**, ки иҷорагиранда пур мекунад, ба ҳисоб гирифта мешаванд: ба тартиби маълумотнома фондҳои асосие, ки онҳо дар асоси қарордоди иҷора ва истифодаи ройгон гирифтаанд, берун аз ҳисоби тароз ба қайд гирифта мешаванд. Дар сатрҳои ҷамъбастии шакли № 11-ВА ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда - иҷоракорон дохил карда намешаванд. Дар ҳисоб аз рӯи баҳисобгирии фондҳои асосӣ ин фондҳо ба номи иҷорадиҳандагон ба ҳисоб гирифта, мешаванд.

Дар **сатри 174**, ки иҷорадиҳандагон пур мекунанд, ба тартиби маълумотнома фондҳои асосии ба иҷора додашуда нишон дода мешаванд, ки ба номи онҳо мувофиқи қарордоди иҷораи молиявӣ хориҷ аз ҳисоби тароз сабт гардидаанд. Дар ҷамъбасти умумии фондҳои асосии ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда - иҷорадиҳандагон онҳо дохил карда намешаванд. Дар ҳисоб аз рӯи баҳисобгирии фондҳои асосӣ онҳо ба номи иҷоракорон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар **сатри 175** аз ҳамаи фондҳои асосии ташкилотҳое, ки дар **сатри 020** ба назар гирифта шудаанд, фондҳои асосӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ҷудо карда мешаванд дар **сатри 176** бошад, аз иншоотҳое, ки дар **сатри 023** ба назар гирифта шудаанд, иншоотҳои мелиоративӣ ва обёрӣ, ҷудо карда мешаванд.

Маълумотҳо дар бораи ҳисоби пурраи арзиши фондҳои асосӣ дар оғози соли ҳисобот (**сутуни 2, фасли 2**), аз маълумотҳои арзиши охири соли ҳисобот **(сутуни 1, фасли 2**), аз ҳисоби нархгузории нави фондҳои асосӣ фарқ карда метавонанд. Дар мавридҳои ҷудогона фарқият метавонад дар корҳои ташкилӣ ё дигар тағйироти онҳо дар охири сол барои ҳисоботи соли оянда эътибор пайдо кунад. Дар ҳолати тағйироти ҷиддӣ шарҳи дахлдор бояд ба шакли ҳисоботи омории мақомоти омори давлатӣ замима карда шавад.

## ФАСЛИ 3
**Фарсудашавии пурраи воситаҳои асосӣ ва хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ**

Дар **сатри 210** навишта мешавад: арзиши воситаҳои асосии пурра фарсудашуда ва хароҷоти таъмири ҳамаи воситаҳои асосӣ, ки дар **фасли 1, сатри 020** нишон дода шудаанд.

**Сатри 221** дар ҳамаи сутунҳо ба маҷмӯи сатрҳои **222, 223, 224, 225, 226, 227** баробар аст.

Дар **сатри 220** аз **сатри 210** маълумотҳо оид ба арзиши биноҳои сукунатӣ, ки дар **фасли 1**, мутобиқан дар **сатри 022** нишон дода мешаванд.

Дар **сатри 227** фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ, ки дар **сатрҳои 027-031 фасли 1** нишон дода шудаанд, бояд пурра нишон дода шаванд.

Дар **сутуни 1** арзиши пурра фарсудашавии воситаҳои асосӣ аз **сутуни 13 фасли 1** нишон дода мешавад.

Дар **сутуни 2** хароҷот барои таъмири ҳамаи намудҳои воситаҳои асосӣ нишон дода мешаванд.

Аз **сутуни 2** то **сутуни 3** хароҷоти таъмири куллии воситаҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд. Дар мавриди мавҷуд набудани маълумотҳо дар ҳисоби муҳосиба, хароҷоти таъмир аз рӯи ҳуҷҷатҳои таъҷилии баҳисобгирӣ муайян карда мешаванд. ***Таъмири асосии мошинолот, дастгоҳҳо ва васоити нақлиёт намуди таъмиротест, ки давра ба давра бештар аз як сол ба амал бароварда мешавад, ҳангоме, ки маблаггузорӣ ба воситаҳои асосӣ аз арзиши аввалия меафзояд, дар он сурат, истифодаи минбаъдаи воситаҳои асосӣ ва манфиатҳои иқтисодии оянда афзун мешавад, ба шарте, ки маъмулан тамоми қисмҳо ва қисмҳои хурдашудаи дастгоҳ кушодаю порчакорӣ шаванд, иваз шаванд ё барқарор карда шаванд, таъмири заминавӣ ва дигар қисму порчаҳо, васлкорӣ, мунтазамкорӣ ва санҷиши дасттоҳ гузаронда шавад.*** Ҳангоми таъмири асосии бино ва иншоот, иваз намудани қисмҳо ва порчаҳои хурдашуда, ё иваз намудани онҳо ба имкониятҳои қавитару беҳтари сарфакоронаи, объектҳои таъмиршаванда ба амал баровард мешавад.

Дар **сутуни 4 аз сутуни 3** хароҷоти таъмири асосӣ, ки бо қувваи ташкилотҳои беруна, ки фаъолияти сохтмонро ба ҷо меоваранд, нишон дода мешаванд.

**Сутуни 3 ба сутуни 4 баробар ё бештар аст.**

**Сутуни 2 ба сутуни 3 баробар ё бештар аст.**

## ФАСЛИ 4
*Арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ*

Ҳангоми пур кардани **фасли 4** ба назар гирифтан лозим аст, ки арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ ҳамчун қисме аз тақсим ба **12** ҷамъи ҳосили ними арзиши аввалияи (ҷорӣ) ҳамаи воситаҳои асосии субъект дар оғоз ва охири соли ҳисобот ва арзиши воситаҳои асосии дар рӯзи аввали ҳамаи моҳҳои боқимондаи соли ҳисобот гирифташуда муайян карда мешавад.

Дар **сутуни 1** арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ дар соли ҳисобот ҷудо карда мешавад.

Арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосӣ дар бештар ҳолатҳо дар фосилаи байни бузургии мавҷудаи ин воситаҳои асосӣ дар оғоз ва охири сол қарор дорад.

Азбаски нишондиҳандаи мазкур дар худ арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосиро бо назардошти арзиши аввалия (ҷорӣ) таҷассум менамояд, барои ҳисоби даромаднокии фонд ҷорӣ намудани ' он тавсия карда намешавад. Барои ин дигар нишон диҳанда-арзиши миёнаи солонаи воситаҳои асосиро бо нархҳои миёнаи солона, истифода бурдан лозим аст.

Шумораи корхонаҳои ҳисоботдиҳанда (як ё якчанд корхона, агар маълумоти онҳо дар ҳисоботи ҷамъбастии иттиҳодия, корхонаи асосӣ ҳамроҳ карда шуда бошад) дар **сатри 410** нишон дода мешавад.

Ҳангоми пур кардани ҳисобот мувофиқи нишондоди шакли ҳисобот ва ҳамин дастурамал назорати ҳисоби маълумотҳо ва мантиқӣ будани онҳоро талаб кардан зарур аст, ҳамчунин онҳоро бо нишондиҳандаҳои ҳисоботи солҳои гузашта ва шакли ҳисоботи молиявӣ дар соли ҳисобот муқоиса кардан зарур аст. Дар мавриди мавҷуд будани фарқияти зиёд дар замимаи ҳисобот шарҳ, додан лозим аст.

Аз пешниҳоди маълумотҳои номуътамад сарфи назар кардан зарур аст. Дар вақти мавҷуд будани ягон хел мушкилӣ дар баҳисобгирии муҳосибавии корхона ба шарҳ, додан ба мақомоти омор муроҷиат кардан мувофиқи мақсад мебошад.

**Раёсати системаи ҳисобҳои миллӣ ва омори молия**